**Тақриз**

**ба автореферати Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар мавзуи “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))**

Мавзуи рисолаи илмии Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна таҳти унвони "Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" яке аз мавзуъҳои мубрам маҳсуб меёбад, зеро барои тарбияи инсони бомаърифат ва дорои ифтихори миллӣ, ки яке аз талаботи замони Истиқлол аст, бояд равишу муносибат ва усулҳои муосири таълими адабиёт таҳқиқ, дарёфт ва коркард карда шавад.

Мавзуи рисолаи мазкур ба ихтисоси 13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мувофиқат менамояд.

Диссертант фушурдаи рисолаи номзадиро мувофиқи талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намуда, мазмуну моҳияти диссертатсияро дар он ба таври мухтасар ифода намудааст. Тавре аз шиносоии автореферат маълум мегардад, рисолаи илмии мавриди назар аз муқаддима, 3 боб, ки ҳар як дорои фаслҳои марбут ба мавзуанд, хулоса, руйхати адабиёт (195 номгӯй) иборат буда, ҳаҷми умумии он 219 саҳифаи компютериро ташкил медиҳад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар таҳқиқ, таҷрибаву озмоишҳои педагогии методҳои тадриси ашъори ғиноӣ ва осори манзуми ҳамосӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳо замина мегузоранд, дар се зинаи омӯзиши адабиёт бо мисолҳо ва далелҳои илмию методӣ собит шудааст, зоҳир мегардад. Дар ин замина, асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои

методии муносибати босалоҳият дар таълими адабиёти тоҷики муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳқиқ гардида, хусусиятҳои муштарак ва фарқият аз омӯзиши суннатии каломи манзум муайян карда шудаанд. Ҳамчунин, муносибати босалоҳият ҳангоми таълими каломи манзум дар се зинаи омӯзиши адабиёт бо истифода аз технологияи интерактивӣ ироа гардидааст, ки омӯзгорон метавонанд дар таълими ашъори шоирон ба сифати модули таълимӣ истифода баранд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотро метавон дар таҳияи стандарт, барномаи таълимӣ, китобҳои дарсӣ доир ба методикаи таълими адабиёти тоҷик, дастуру васоити таълимӣ доир ба методикаи таълими адабиёти тоҷик дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим, курсҳои назариявӣ, васоити таълимӣ барои донишҷӯёну хонандагон, хондани лексияҳо, ҳамчунин барои гузаронидани курсҳои махсус ва семинарҳо аз методикаи таълими адабиёти тоҷик истифода бурд. Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар ҳамаи марҳалаҳои пажӯҳиш сурат гирифта, дар шаклҳои гузориш дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, суханронӣ дар семинарҳои машваратӣ ва мизҳои мудаввар ва баррасии муҳтавои асосии пажӯҳиш дар шуроҳои методӣ анҷом дода шудааст.

Дар муқаддимаи рисола мубрамияти мавзуи таҳқиқ собит гардида, аҳамиятнокии мавзуи диссертатсия, заминаҳои методологии мавзуъ муайян ва дараҷаи таҳқиқи он мушаххас нишон дода шудааст. Ҳамчунин, диссертант фарзия, ҳадаф, объект, мавзуъ ва вазоифи таҳқиқро ба шакли муайян даровარда, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқро маълум кардааст. Диссертант дар автореферат нуктаҳои асосиеро, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд, баён намуда, давраҳо ва усулҳои таҳқиқро нишон додааст ва перомуни раванди санҷиш маълумот пешниҳод кардааст.

Боби якуми рисола "Асосҳои назариявӣ ва методии муносибати босалоҳият дар таълими адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" унвон дошта, муҳаққиқ бо такя ба қарору барномаҳои Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои назариявӣ ва методии муносибати босалоҳият ба таълими адабиётро таҳқиқ намуда, фарқият ва ҷанбаҳои муштараки онро бо таълими суннатии адабиёти тоҷик нишон додааст. Ҳамчунин, дар ин боб диссертант таълими интерактивии омӯзиши каломи манзум ва нақши технологияи таълим дар ташаккули салоҳиятҳоро муайян намуда, натоиҷи озмоишҳои педагогӣ доир ба таълими каломи манзумро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод намудааст.

Муҳаққиқ дар боби дуюм "Муносибати босалоҳият ба таълими ашъори ғиноӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" ҷанбаҳои методии муносибати босалоҳиятро дар раванди таълими ашъори ғиноӣ дар се зинаи омӯзиши адабиёт мавриди таҳқиқ қарор дода, усули таълими онро пешниҳод намудааст.

Хулосаи рисола дар 15 банд натиҷагирӣ карда шуда, тавсияҳо оид ба натиҷаҳои амалии таҳқиқ дар 10 банд равшану возеҳ баён гардидаанд.

Аннотатсияи автореферат бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ мувофиқи талабот нигошта шудааст.

Дар автореферати диссертатсияи мавриди назар дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиву норасоиҳо ба назар мерасанд, ки зикри чанде аз онҳоро муҳим мешуморем:

1. Муҳаққиқ дар рисола ба масъалаи татбиқи методҳои интерактивӣ бештар такя кардааст, аммо,ба таснифоти дигари методҳои таълим ва моделҳои татбиқи муносибати босалоҳият каме ҳам бошад, таҳлил ва натиҷагирӣ менамуд, рисола боз ҳам мукаммалтар мегардид.

2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ ба мушоҳида расиданд (с. 21 - "мутуни - матни", с. 21 - "Саволнома - "Саволнома", 22- Медодист Қ. Мухторӣ - Медотист Қ. Мухторӣ ва ғайра).

Дар баробари ин бояд гуфт, ки камбудиҳои ҷойдошта қимату арзиши назариявию амалии диссертатсияро коста накарда, ислоҳшавандаанд.

Автореферати диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна кори илмии ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, унвончӯ ба ҳадафҳои дар он гузошташуда пурра расидааст. Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия мазмуни асосии кори таҳқиқотии диссертатсиониро инъикос менамояд. Мақолаҳои нашрнамудаи муаллифи он фарогири мухтавои асосии диссертатсия буда, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Хулоса, диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна таҳти унвони “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо» тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогӣ, махсусан ба ихтисоси 13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои педагогӣ,
сармутахассис оид ба таҳсилоти лоиҳаи
“Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат” дар
назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Алиев А.Б.

Имзои Алиев А.Б -ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саъдуллозода Шамсиддин.

Нишонӣ: 734024 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Нисор Муҳаммад 13а,
Тел: (+992 918 82 85 41)
E-mail: alievdti_74@mail. ru
20.11.2024